**Суратмаҷлиси № 38**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

аз “2” 10 соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз **15** нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, № 306 тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

**Шунида шуд:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии Шурои диссертатсионӣ д.и.ф., профессор Ҷамшедов Парвонахон, аъзои комиссияи экспертӣ д.и.ф., профессор Саидзода Ҳалим Азиз ва д.и.ф., Гадоев Нурхон профессор баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

1. **Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:**

- **Шафоатов Азал Нусратович** - доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймумин Раҳимов.

- **Туйғунов Носир Ҳақбердиевич** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои романию германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя 18.12.2023 сол соати 15:00 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор — Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент — Каримова Д.Н.